**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

«27» 01 соли 2025 № 67/КТ ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мутобиқи банди 58-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни 2023 № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз барои экспертиза қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С.;
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ;
   - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Убайдуллоев Ф.К.
3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия **хулосаи хаттии комиссияро** ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**